Ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-0015
назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон
ба номи академик М. Осимӣ
(734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
хиёбони Академикҳо Раҷабовҳо -10а)

**Тақриз**
**ба автореферати диссертатсияи Аскарова Санавбархон Султонхочаевна дар мавзуи “Такмили сиёсати саноатӣ ва таъсири он ба рушди соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки барои дарёфти дарачаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050607 - Иқтисодиёти саноат ва энергетика пешниҳод шудааст.**

Такмили сиёсати саноатӣ дар шароити гузариши иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз ваифаҳои аввландираҷа ба ҳисоб рафта, дар самти идоракунии корхонаҳои саноатӣ ва натиҷаҳои молиявии онҳо муҳим арзёби карда мешавад. Дар ин маврид бояд қайд кард, ки сиёсати дурусти мудирияти корхонаҳои саноатӣ яке аз усулхое мебошад, ки лоиҳаи саноатикунонии кишварро амалӣ мегардонад. Зимни бунёди саонат дар кишва ва гузариш ба низоми саноатӣ муаммоҳои зиёдро бояд ҳалу фасл намуд, ки бе таҳлил, дарк ва ҳалли онҳо ғайримкон мебошанд. Маврид ба қайд ҳаст, ки соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон айни замон дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ, омода набудани субъектони он ба ҳамкориҳои баробарҳуқуқ, набудани ҳавасмандӣ ба ташаккулдиҳии равандҳои ҷаҳонишавӣ ва барпо намудани кластерҳои саноатӣ фаъолият мекунад. Ба ин раванд инчунин душвории бақайдгирӣ ва назораткунии шаклҳои гуногуни ташкилотҳо илова мегардад, ки ҳамаи ин зарурати такомулдиҳии сиёсати саноатиро талаб мекунад. Дар сиёсати мавҷудаи саноатӣ масъалаҳои ташаккулёбии он дар заминаи гузаштан ба тартиботи технологӣ бояд ба таври мушаххас дида баромад шавад. Бояд аз доираҳои равишҳои дар умум қабулгардидаи ташаккулдиҳии сиёсати саноатӣ баромада, такя ба усулҳои коркардкуние намуд, ки дар татбиқи он тарафҳои асоси сиёсат муайян гарданд. Ҳамзамон якҷоя бо татбиқи усулҳои маъмул бояд усулҳое коркард карда шаванд, ки самтҳои рушди инноватсиониву муосири саноатро муайян сохта тавонанд. Ин ҳама мушкилотҳо ва муаммоҳои ҷойдошта дар самти ташаккул ва такмили дурурст ба роҳ мондани мудирияти саноат дар кишвар, мавкеи мубрамияти кори диссертатсиониро баланд бардоштааст.

Дар доираи таҳлилҳои худ, нисбати рушд ва такмили сиёсати саноатӣ, Аскарова С.С. қайд мекунанд, ки низоми саноати кишвар бо рушд додани ҳамкориҳои байни корхонаҳои саноатӣ, истеҳсолот, бо дигар соҳаҳои иқтисодии кишвар, бо соҳаҳои илму маърифат комил мегардад ва самаранокиву маҳсулнокии он бо сохтори он муайян мегардад, яъне бо ҷудо намудани соҳаҳои локомотивӣ, пешбаранда,

омодасозанда, ба фаъолиятоваранда муайян мегардад. Соҳаҳои ба фаъолиятоваранда рушди саноатро ҳавасманд месозанду соҳаҳои локомотивӣ дар маҷмӯъ ба пешрафти тамоми системаи саноати миллӣ мусоидат мекунанд.

Ҳамчунин дар саҳифаи 13 автореферати диссертатсия муаллиф ҳаҷми маҳсулоти саноатиро таҳлил намуда, ба хулосае меояд, ки саҳми маҷмуи маҳсулоти саноатӣ дар кишвар, дар ташаккулёбии нишондиҳандаҳои асосии рушди иҷтимоӣ-иктисодӣ назаррас буда, ҳиссаи он дар соли 2021 дар ҳаҷми ММД 39,28 % ва дар ҳаҷми МММ 42,2 % - ро ташкил медиҳад. Дар автореферати диссертасия нишондиҳандаҳои васеъи рушди соҳаи саонти кишвар мавриди таҳлил қарор дода шудааст, ки истифодаи ингуна усули таҳлил, имконият медиҳад, ки низоми саноати кишварро бо пуррагӣ омӯхта, муаммо муайян гардида барои ҳалли онҳо пешниҳодҳои илман асоснок гардида ирои карда шаванд.

Таҳлили динамикаи шумораи корхонаҳои саноатӣ аз рӯи соҳаҳои саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон додааст, ки ки шумораи онҳо дар соли 2021 ба 1927 адад расида, нисбат ба соли 2012 33,1 % афзоиш ёфтаанд ва дар ин давра ҳиссаи онҳо нисбат ба ҳиссаи умумии корхонаҳои кишвар 80,4 %-ро ташкил додааст. Боиси қайд аст, ки дар давраи мавриди таҳлил ҳиссаи афзоиши корхонаҳои ба истеҳсол ва тақсими нерӯ ва гармӣ машғул буда 5,9 маротибаро ташкил дода, дар соли 2021 нисбат ба ҳиссаи умумӣ 7,5 % -ро ташкил кардаанд.

Дар саҳифаи 15 диссертатсия қайд гардидааст, ки танҳо дар моҳҳои январ- сентябри соли 2021 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 229 корхона ва сехҳои нав ба кор дароварда шуданд, ки дар маҷмуъ ин корхонаҳо зиёда аз 363 млн. сомонӣ маҳсулот истеҳсол намудаанд. Тибқи маълумоти оморӣ ва иттилооти Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2021 Ҷумҳурии Тоҷикистон дар миёни кишварҳои ИДМ аз рӯи афзоиши саноат мақоми аввалро касб намуда, ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ дар ин сол нисбат ба соли 2020 20% афзоиш ёфта, 3,4 млрд. долл. ИМА-ро ташкил кардааст.

Диссертант дуруст қайд кардааст, ки аз таҳлилҳои санадҳо ва барномаҳои соҳавӣ бармеояд, ки ҳарчанд онҳо баъзе тавсифҳо оид ба норасоиҳои соҳаро муайян намуда бошанд ҳам, аммо дар барномаҳои қабулгардидаи рушди соҳаҳо дар сатҳи зарурӣ баъзе принсипҳои зарурӣ ба назар гирфта нашудаанд. Дар доираи ноил гардидан ба ҳадафи чоруми стратегии кишвар, вазъи кунунӣ ва ҳолати муосири низоми саноатии кишвар ҷавобгӯ нест. Дар ин замина дастгирии фарохи соҳаҳои алоҳидаи саноат аз ҷониби давлат метавонад таъсири синергетикии худро расонад, чун ин раванд на танҳо боиси рушди як самти мушаххас мегардад, балки метавонад бахшҳои дигарро низ аз қафояш барад (саҳ 21).

Ҷиҳати такмил ва мудирияти соҳаи саноат дар автореферати диссертатсия модели консептуалии рушди сиёсати саноатӣ пешниҳод

гардидааст, ки дар доираи механизмҳои равнақёбии воридотивазкунии низоми саноат, иқтисодиёти инноватсионӣ ба идора ва танзими давлатӣ, инчунин ба назарияи кластерӣ такя мекунад. Ба ин васҳ нуктаҳои муҳимми равнақдиҳии сиёсати саноатӣ ва, дар ин замина, рушд ёфтани низоми саноатӣ, методологияи ташкили унсурҳои ба онҳо мусоидаткунандаро ироа карда шудааанд, ки инҳо мебошанд: - идора ва танзими давлатӣ; - кластеркунонии субъектҳои соҳаи саноат; - гуногунсамт кардани ҷалби сармоягузориҳо ва маблағгузориҳои корхонаҳои саноатӣ.

Дар қатори бартариятҳо таҳқиқоти дар автореферати диссертатсия норасоиҳо низ мебошад, ки ба онҳо дохил мешаванд:

1. Ба фикри мо, таҳқиқоти автореферат бурд мекард, агар дар охири ҳар як параграф хулоса ва пешниҳодҳо оварда мешуданд.
2. Баъзе аз ҷадвалҳои таҳлиле, ки дар автореферат оварда шудаанд таҳлили пурратар мешуданд, ҳусни кор афзунтар мегардид.

Бояд қайд намуд, ки камбудиҳои номбаршуда ба мазмуну муҳтавои автореферат таъсири ҷиддӣ намерасонанд ва сатҳи назариявию амалии онро коҳиш намедиҳанд.

Автореферати диссертатсия дорои навгониҳои илмӣ ва пурра мазмуни асосии таҳқиқотро дарбар гирифтааст.

Бо ибрози чунин нуктаи назар гуфтан мумкин аст, ки автореферати Аскарова Санавбархон Султонхоҷаевна дар мавзуи "Такмили сиёсати саноатӣ ва таъсири он ба рушди соҳаи санотаи Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050607 - Иқтисодиёти саноат ва энергетика дар сатҳи зарурӣ омода гардида, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи бандҳои 32-37 "Тартиби додани унвонҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 267 аз 30 июни соли 2021 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси номбурда мебошад.

Муқарриз,
н.и.и., дотсенти кафедраи
иқтисодиёти корхонаҳо
ва соҳибкории ДДК ба номи А. Рӯдакӣ: Фатҳуллозода А.Ф.

Суроға: 735360, Тоҷикистон,
вилояти Хатлон, ш. Кӯлоб,
куч. С.Сафаров 16, бинои 3.
Тел: (+992 98) 801-9666; E-mail: kholiq8989@mail.ru

Имзои « Фатҳуллозода А.Ф.»-ро тасдиқ мекунам
Сардои Раёсати кадрҳо ва КМ,
ДДК ба номи А. Рӯдакӣ: Амиров Ф.

«____» ________2023

**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА– 015 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ (734042, ш.Душанбе, хиёбони академикҳо Раҷабовҳо, 10 а)**

## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Аскарова Санавбархон Султонхоҷаевна дар мавзуи: «Такмили сиёсати саноатӣ ва таъсири он ба рушди соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯи ихтисоси 6D050607 – "Иқтисодиёти саноат ва энергетика"**

Соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон айни замон дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ, омода набудани субъектони он ба ҳамкориҳои баробарҳуқук, набудани ҳавасмандӣ ба ташаккулдиҳии равандҳои ҷаҳонишавӣ ва барпо намудани кластерҳои саноатӣ фаъолият мекунад. Ба ин раванд инчунин душвории бақайдгирӣ ва назораткунии шаклҳои гуногуни ташкилотҳо илова мегардад, ки ҳамаи ин зарурати такомулдиҳии сиёсати саноатиро талаб мекунад. Дар сиёсати мавҷудаи саноатӣ масъалаҳои ташаккулёбии он дар заминаи гузаштан ба тартиботи технологӣ бояд ба таври мушаххас дида баромад шавад. Бояд аз доираҳои равишҳои дар умум қабулгардидаи ташаккулдиҳии сиёсати саноатӣ баромада, такя ба усулҳои коркардкуние намуд, ки дар татбиқи он тарафҳои асоси сиёсат муайян гарданд. Ҳамзамон якҷоя бо татбиқи усулҳои маъмул бояд усулҳое коркард карда шаванд, ки самтҳои рушди инноватсиониву муосири саноатро муайян сохта тавонанд. Зарурати мукаммалгардонии системаи идоракунии ташаккулёбиҳои самтҳои нави бахшҳои саноат дар заминаи методикаҳои нав аз қабили кластеркунонӣ ва руҷӯъ ба воридотивазкунандагии бахшҳои саноати миллӣ аз ҳолати кунунии бахшҳои саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мутобиқ ба «Сенарияи индустриалию инноватсионӣ»-и «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» бармеояд, ки тибқи он «... ба истифодаи оқилонаи имкониятҳои нави ҳамгирой ва рушди инфрасохтори транзитии кишвар, диверсификатсияи иқтисоди миллӣ ва афзоиши назарраси содироти молу хизматрасониҳо оварда мерасонад.

Аз ин лиҳоз, таҳқиқоти илмии Аскарова С.С., маҳз ба ҳамин масъала бахшида шуда, дар шароити кунунии иқтисодиёти миллии Тоҷикистон саривақти ва актуалӣ ба ҳисоб меравад.

Навгонии илмии таҳқиқот дар мубаллалсозии назариявии равишҳои такмили сиёсати саноатӣ ва тавсияҳо оид ба рушди технологии бахшҳои саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, натиҷаҳои нисбатан аҳаммиятноке, ки дорои унсурҳои навгонии илмӣ мебошанд, иборат мебошанд.(саҳ.5)

Тавре, ки муаллиф дар мундариҷаи автореферат нишон медиҳад мақсад ва вазифаҳои гузошташудаи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба Аскарова С.С. имкон доданд, ки аз нуқтаи назари илмӣ сохтори диссертатсияро дуруст таҳия намуда, натиҷаҳои зарурии таҳқиқотро бо элементҳои муайяни навгонии илмӣ ба даст оварад.

Муаллиф қайд мекунад, ки стратегияи рушди илмӣ-техникии муҷтамаъҳои саноатӣ аз санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва стратегияву барномаҳои давлатӣ ҳамчун асос маншаъ гирифта, самтҳои мухталафи фаъолияти самарабахши соҳаро фаро мегирад. Дар стратегия, арзёбии воқеии ҳолати рушди илмӣ-технологии саноатӣ дар минтақаҳо тариқи муайян сохтани мавҷудияти иқтидори илмиву техникӣ, сатҳи технологии корхона, то чӣ андоза вобаста будани онҳо аз воридоти таҷҳизоту технологияҳо аз берун, рақобапазирии маҳсулоти истеҳсолшаванда, фаъолияти инноватсионӣ, таъсиррасонии ин омилҳо ба рушди иқтисодӣ-иҷтимоии минатқаҳо ва аҳолии кишвар дарҷ гардида, дар он натиҷаҳои пешбинишудаи рушди илмӣ-техникии муҷтамаъҳои саноатӣ пешниҳод мегарданд ва нақшаҳои имконпазири рушди технологӣ муайян карда шуда, тартиботи технологияҳои афзалиятдор ташаккул дода мешавад (саҳ.18). Дар таҳқиқот инчунин модели консептуалии рушди сиёсати саноатӣ ва рушди воридотивазкунии саноат пешниҳод гардидааст. (расми 7 саҳ. 22).

Дар автореферат қайд мегардад, ки такмили механизмҳои сиёсати саонатӣ ва рушди соҳаи саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷмуи тавсияҳоеро фарогир мебошад, ки ба рушди ояндаи соҳаи саноати кишвар бо дарназардошти истеҳсоли маҳсулоти воридотивазкунандаи рақобатпазир на танҳо дар бозори дохилӣ, балки дар бозорҳои беруна саҳм хоҳанд гузошт.(саҳ.23)

Дар саҳифаи 24 аз тарафи унвонҷӯ моделсозии математикии самаранокии фаъолияти корхонаҳои саноатӣ ва бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иқтисодиёти миллӣ иҷро гардидааст.

Умуман, унвонҷӯ таҳқиқоти илмиро бо риояи ҳамаи талаботҳои иҷроиши он ба итмом расонидааст, ки он дорои аҳамияти илмӣ мебошад. Автореферат ва мақолаҳои чопнамудаи муаллиф сохтори диссертатсияро ба пуррагӣ дар бар мегирад.

Дар автореферати тақризшаванда дар баробари ҷанбаҳои мусбӣ, баъзе камбудиҳо низ ҷой дорад:

1. Муаллиф дар автореферати худ пайдарҳамии масъалаҳои мавриди таҳқиқ қароргирифтаро то андозае ба инобат нагирифтааст.

2. Дар автореферат баъзе хатогиҳои стилистикӣ ва техникию ороишӣ дида мешавад.

Камбудӣ ва норасоиҳое, ки дар боло қайд карда шуданд, ҳамчун пешниҳод барои хуб ва васеъ гаштани таҳқиқот оварда шуд, ки зеро онҳо ислоҳшаванда буда, хусусияти тавсиявӣ доранд ва бояд қайд намуд, ки ин камбудҳо ба мазмуни асосии диссертатсия монеа шуда наметавонанд.

Аз ин лиҳоз, бояд қайд намоям, ки автореферати диссертатсияи Аскарова Санавбархон Султонхоҷаевна дар мавзуи “Ташаккул ва такмили сиёсати саноатӣ ва таъсири он ба рушди соҳаи саноатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 6D050607 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика дар сатҳи зарурӣ омода гардида, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи бандҳои 32-37 “Тартиби додани унвонҳои илмӣ”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 267 аз 30 июни соли 2021 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси номбурда мебошад.

Тақриздиҳанда:
мудири кафедраи менеҷменти
инвеститсионӣ ва маркетинги
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Бегмуродов С.Ш.

Суроға: 734036 ш.Душанбе, к. Н.Қарабоев 63/3.
Телефон: (+992) 881 11 61 35
E-mail: begmurodovs@mail.ru.

Имзои номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Бегмуродов С.Ш.-ро тасдиқ мекунам:

Сардори ШК ва КМ
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Бухориев Н.А.
Телефон: (+992 37) 234-79-87, www.tut.tj,
E-mail: rectorat-tut@mail.ru.

**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА– 015 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ (734042, ш.Душанбе, хиёбони академикҳо Раҷабовҳо, 10 а)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Аскарова Санавбархон Султонхоҷаевна дар мавзӯи: «Такмили сиёсати саноатӣ ва таъсири он ба рушди соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯи ихтисоси 6D050607 – “Иқтисодиёти саноат ва энергетика”**

Ташаккулёбии иқтисодиёти саноатӣ-аграрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз такмили сиёсати саноатӣ вобастагии зиёд дорад.

Бо назардошти аҳамияти муҳими соҳаи саноат дар рушди иқтисодиёти давлат Пешвои миллат дар паёми худ аз 21 декабри соли 2021 пешниҳод карданд: “Бинобар аҳамияти бузурги соҳаи саноат дар рушди минбаъдаи мамлакат, ҳалли масъалаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва таъмин намудани иҷрои ҳадафҳои стратегии миллӣ, аз ҷумла раванди саноатикунонии босуръати кишвар пешниҳод менамоям, ки солҳои 2022-2026, яъне то ҷашни 35-солагии истиқлолияти давлатии Тоҷикистон “Солҳои рушди саноат” эълон карда шавад.

Дар диссертатсия мафҳуми сиёсати саноатӣ ғанӣ гардонида шуда, чун маҷмӯи ташаббусҳо ва таҷҳизоти бо дигар шаклҳои сиёсат алоқаманде мебошад, ифода карда шудааст. (саҳ.11).

Ҳамчунин модели консептуалии асосҳои ташаккул ва рушди низомҳои саноатӣ пешниҳод шуда аст, ки он назарияи саноатро пурзӯр менамояд (саҳ.14).

Аскарова С.С. дуруст қайд менамояд, ки “Ташаккул додан ва сохторбандӣ намудани соҳаҳову муҷтамаъҳои саноатӣ, ки ҳамкориҳои судманди субъектону соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти миллиро таъмин

менамоянд, бояд ҳамчун самти асосии коркардҳои стратегии усулҳои рушди кишвар ва сохторҳои он баромад кунанд” (саҳ.15).

Дар автореферати диссертатсия аз ҷониби муаллиф сохтори стратегияи рушди илмиву технологии муҷтамаъҳои саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мегардад, ки дар он бандҳои қисматшудаи ҳар як омил шарҳ дода шуда аст, ки шоёни таҳсин мебошад (саҳ 19).

Дар расми 7, дар саҳифаи 22 аз ҷониби Аскарова С.С. механизми равнақёбии сиёсати саноатӣ ва воридотивазкунии низоми саноат пешниҳод гардида аст, ки истифодаи самараноки потенсиали воридотивазкунии бахши саноатро ироа менамояд ва аз унсурҳои идора ва танзими давлатӣ, кластеркунонии субъектҳои соҳаи саноат иборат мебошад, ки мантиқан дуруст тартиб дода шуда аст.

Аз автореферати диссертатсия бармеояд, ки дар кори таҳқиқотӣ диссертант аз моделсозии риёзӣ-иқтисодӣ намуда, аз рӯйи таҳлилҳои иҷрошуда ояндабинии ҳолатҳои ба системаи саноати кишварт вобаста бударо пешниҳод карда аст.

Аммо дар баробари афзалияти илмӣ ва пайвастагии мантиқии рисолаи илмӣ ва омодасозии автореферати он дар автореферат баъзе камбудиҳо ба назар мерасанд, ки ба инобат гирифтани онҳо ба ҳусни кори илмӣ афзоиш дода метавонист.

Даро автореферати кори таҳқиқотӣ, диссертант зарурати такмили механизмҳои ташаккули сиёсати саноатӣ, вобастагии он аз зуҳуроти макроиқтисодии мавҷуда пурра кушода, аммо аз чӣ бошад, роҳҳои ҷорӣ намудан ва дар амал татбиқ сохтани сиёсати саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври возеҳ ва мушаххас равшан накарда аст.

Беҳтар мешуд, ки агар муаллифи рисола роҳҳои баланд бардоштани самаранокии сиёсати саноатиро дар мисоли объектҳои мушаххас ва ё ягон минақаи кишвар нишон медод.

Инчунин дар автореферати диссертатсия баъзе хатогиҳои имловӣ ва техникӣ дида мешавад.

Вале камбудиҳои зикршуда аҳамияти назариявию методӣ ва амалии таҳқиқи паст намекунанд.

Мазмуни диссертатсия шаҳодати кофӣ будани пуррагии баёни мазмун ва навгонии илмӣ доштани онро медиҳад. Муаллиф аз натиҷагириҳо хулосаҳо ва тавсияҳои худро баён намудааст, ки он метавонад барои рушди илми муосири ватанӣ дар соҳаи саноатӣ ва таъсири он ба рушди соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми сазовори худро гузорад.

Дар маҷмӯъ бояд зикр кард, ки диссертатсия дар мавзӯи: «Такмили сиёсати саноатӣ ва таъсири он ба рушди соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳқиқоти илмии мустақилона ва баитмомрасида буда, дорои ягонагии дохилӣ буда ба талаботхои КОА-и Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй мебошад. Муаллифи диссертатсия сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯи ихтисоси 6D050607 – “Иқтисодиёти саноат ва энергетика” мебошад.

Доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
мудири кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва
сиёсати Тоҷикистон
Телефон: 92 856-66-65,
E –mail: dalerdn@mail.ru Дадоматов Д.Н.

Имзои д.и.и., дотсент Д.Н.Дадоматов -ро тасдиқ менамоям.

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,
бизнес ва сиёсати Тоҷикистон Мирпоччоев И.Ҳ.

ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Суроға: 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, ш.Хуҷанд, маҳаллаи 17, хонаи 1.
Телефон: (+992 3422) 2-38-11,
Факс: (+992 3422) 2 – 51 – 70.
E – mail: tsulbp@rambler.ru.

**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА– 015 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ**
**(734042, ш.Душанбе, хиёбони академикҳо Раҷабовҳо, 10а)**

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Аскарова Санавбархон Султонхоҷаевна дар мавзуи: «Такмили сиёсати саноатӣ ва таъсири он ба рушди соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯи ихтисоси 6D050607 – “Иқтисодиёти саноат ва энергетика”**

Боиси зикр аст, ки бо мақсади амалишавии ҳадафи чоруми миллӣ-саноатикунонии босуръати кишвар ва коҳиш додани шиддати омилҳои беруна ба иқтисодиёти кишвар бояд қайд намуд, ки дар соҳаи саноати кишвар айни замон Стратегияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 амалӣ гардида, дар доираи он барномаҳои соҳавӣ, барномаҳои саноатикунонии босуръати кишвар, рушди металургияи ранга ва сиёҳ, рушди саноати хӯрокворӣ, рушди соҳаи мошинсозӣ, рушди саноати сабук ва соҳаҳои кирмакпарварӣ ва коркарди пилла то давраи соли 2025 таҳия гардидааст, ки мавриди амал қарор доранд.

Муҳаққиқ Аскарова С.С., зимни омӯзиш ва таҳлили сиёсату низоми саноат, истифодаи самаранокии бахшҳои саноатӣ қайд менамояд, ки таъмини ҳамоҳангкунӣ ва қонуниятҳои тамоюлҳои рушди саноат дар тартиби технологияш, барои ба ҳадафҳои стратегии рушди устувори иқтисодиёти миллӣ ноил гардидан имконият фароҳам оварда метавонад.

Дар идома собит менамояд, ки самтҳои асосии мукаммалсозии сиёсати саноатӣ дар равиши кластериии ташкили истеҳсолоти саноатӣ, хамчун шакли афзалиятноки низомнокии он бо таъминшавии ҳадафҳо ва параметрҳои рақобатпазирии системаи саноати миллӣ вобастагӣ дорад.

Муҳаққиқ Аскарова С.С. махсусан изҳор менамояд, ки тамоюлҳои тавсифии рушди бахши саноати Тоҷикистон ҳамчун системаи кушодаи

алоқамандиҳои соҳаҳои мухталиф, тавассути камбудии таъминоти методии равандҳои идораи давлатӣ, норасоии захираҳои сармоягузорӣ, рушд наёфтани асосҳои инфрасохтории ҳамкориҳои илму истеҳсолот ва дар маҷмуъ қафомондагии технологии он аз сатҳи муосирро афзун мекунад.

Муҳаққиқ Аскарова С.С. автореферати хешро барои амалисозии комплекси тадбирҳои ташаккулёбии кластерҳои минтақавии саноатӣ, коркарди механизми рушди консепсияи воридотивазкунӣ дар бахши саноати иқтисодиёти Тоҷикистон, ки дорои алгоритми амалисозии пайдарпайи табдирҳои ташкилӣ, иқтисодӣ ва маъмурии дастгирии истеҳсолкунандаи ватанӣ дар бозорҳои дохиливу хориҷӣ ва бо моделсозии риёзӣ муайян кардани қимматҳоиояндабинии нишондиҳандаҳои асосӣ дар марҳилаи дарозмуддат бахшида аст.

Ба ақидаи муҳаққиқ Аскарова С.С. самтҳои афзалиятноки рушди соҳаҳо бояд воридотивазкунандагии маҳсулоти корхонаҳои ватанӣ, ташкили ҳамориҳои судманд бо ниҳодҳои илмӣ-тадқиқотии бахши саноат ва дастгирии ҳамҷонибаи рушди кластерии соҳаҳои афзалиятнок бошад. Сиёсати саноатии кишвар бояд аз нигоҳи интихоби афзалиятноки дар равандҳои тафаккури гурӯҳҳои ҳавасманди намудҳои беҳтарини фаъолияти саноатӣ бавучудомада коркард гардад, ки ба талаботи тартиби технологии муосир ҷавобгӯ буда, рушди иқтисодиву ҷамъиятиро дар давраи дарозмуддат таъмин намояд.

Муҳаққиқ Аскарова С.С. зикр менамояд, ки консепсияи воридотивазкунӣ бояд маҳаки фаъолияти корхонаҳои ватанӣ гардад. Дар ин замина нақши давлат дар ташкили шароитҳои мусоид барои рушд додани потенсиали содиротии корхонаҳои ватанӣ дар давраҳои дарозмуддат бояд ифода ёбад.

Дар баробари он автореферати мазкур аз камбудиҳо ва нуқсонҳо озод нест:

1. Истифодаи усули регрессионӣ дар муайян намудани тамоюли рушд ва дурнамои саноати миллии кишвар ҳамаи омилҳои эндогенӣ ва экзогении таъсиррасонро дарбар намегирад;

2. Зимни эроди якум дар муайян намудани тамоюлҳои такмили сиёсати саноатии кишвар истифодаи усули дискретӣ беҳтар арзёбӣ мегардад;

Эродҳои зикршуда ба мазмун ва паҳлӯи мусбии автореферат таъсири ҷиддӣ намерасонад. Ҳамаи эродҳо хислати тавсиявӣ доранд. Аз рӯи мутолиаи автореферати диссертатсияи тақризшаванда дар мавзуи "Такмили сиёсати саноатӣ ва таъсири он ба рушди соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон", қайд намудан мумкин аст, ки он ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050607 - Иқтисодиёти саноат ва энергетика) ҷавобгӯ буда, муаллифи он Аскарова Санавбархон Султонхоҷаевна сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050607 - Иқтисодиёти саноат ва энергетика мебошад.

Тақриздиҳанда:
Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
мудири кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва
соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва
иқтисоди Тоҷикистон Нуридинов С.З.

Имзои С.З. Нуридиновро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии молия ва
иқтисоди Тоҷикистон, н.и.ҳ Шарипов У.А.

**Суроға:** 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе кӯчаи Нахимов 64/14
**Телефон:** +992 98 640 50 50
**E-mail:** nuridinov@mail.ru
**Сомона:** www.tgfeu.tj

**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA– 015 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ**
**(734042, ш.Душанбе, хиёбони академикҳо Раҷабовҳо, 10а)**

## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Аскарова Санавбархон Султонхоҷаевна дар мавзуи: «Такмили сиёсати саноатӣ ва таъсири он ба рушди соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯи ихтисоси 6D050607 – “Иқтисодиёти саноат ва энергетика”**

Мустаҳкамшавии вазъияти иқтисодии миллӣ аз бисёр ҷиҳат аз ҳолат ва тараққиёти соҳаҳои саноат вобастагии калон дорад. Барои татбиқи сиёсати саноатӣ аз тарафи давлат як катор барномаҳо, аз он ҷумла Стратегияи тараққиёти саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030, Барномаи рушди металургияи ранга ва сиёҳ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2025, Барномаи рушди саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2022, Барномаи рушди шоҳибофӣ ва коркарди пилла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020, Барномаи рушди қолинбофӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2020. Инчунин эълон гардидани солҳои 2021-2026 солҳои рушди соҳаҳои саноат барои такомули татбиқи сиёсати саноат дар мамлакат ва минтақаҳои он мусоидат хоҳад кард.

Дар ин радиф фароҳам овардани шароити мусоид барои тараққиёти соҳаҳои саноат ва такомули ҷараёни такрористеҳсол, зарурати дарёфти самти появии пешрафти татбиқи сиёсати саноатиро тақозо менамояд, ки ба низоми пойдоргардидаи муносибатҳои иқтисодӣ мувофиқат намояд. Ҳалли чунин масъалаҳо мавҷудияти ҳадафҳои муайяни стратегиро талаб менамояд, ки самти тараққиёти соҳаҳои саноат барои пурзӯр намудани пояи моддӣ-техникӣ, таъсиси низоми идоракунии самаранок, васеъшавӣ ва такомули алоқаҳои хоҷагидории бозорӣ муқаррар карда шаванд. Бинобар ҳамин дар марҳилаи муосири тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати саноатии илман асоснокшуда аҳамияти махсус дорад, ки бояд ба фаъолгардонии ҷараёни тараққиёти ҳама зинаҳои саноат равона

карда шаванд. Айнан бо гуфтаҳои боло муҳимият ва саривақтии таҳқиқоти Аскарова С.С. муқаррар карда мешавад.

Дуруст муайян намудани объект, предмет ва мақсади таҳқиқот ба унвонҷӯ имкон фароҳам овард, ки ба натиҷаҳои назаррас ноил гардад.

Шиносои бо авторефарти диссертатсия нишон дод, ки муаллиф дар асоси истифодабарии усулҳои маъмули таҳқиқоти иқтиосодӣ ва сарчашмаҳои зиёд тавонистааст, модели консептуалии асосҳои ташаккул ва рушди низомҳои саноатиро таҳия намояд (с. 13).

Муаллиф дуруст қайд мекунад, ки “стартегияи рушди илмӣ-техникии муҷтамаъҳои саноатӣ аз санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва стратегияву барномаҳои давлатӣ ҳамчун асос маншаъ гирифта, самтҳои мухталафи фаъолияти самарабахши соҳаро фаро мегирад”. (с. 19).

Дар асоси таҳлили эмпирикӣ Аскарова С.С. ба хулоса меояд, ки мутобиқи он “такмили механизмҳои сиёсати саонатӣ ва рушди соҳаи саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷмуи тавсияҳоеро фарогир мебошад, ки ба рушди ояндаи соҳаи саноати кишвар бо дарназардошти истеҳсоли маҳсулоти воридотивазкунандаи рақобатпазир на танҳо дар бозори дохилӣ, балки дар бозорҳои беруна саҳм хоҳанд гузошт. (с. 22). Чунин хулосаи худро муаллиф бо схемаи мантиқӣ асоснок намудааст (расми 7, с. 24)

Барои муайян намудани самтҳои афзалиятноки такомули татбики сиёсати саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Аскарова С.С. бо истифода аз усулҳои математикӣ хулосаҳои амиқ баровардааст, ки ҷолиби диққат мебошанд. Масалан, уновнҷӯ қайд мекунад, ки “дар ҳолати бамаротиб афзоиш ёфтани нишондиҳандаҳое, ки ба рушди бахши саноат алокамандии зич доранд, метавонанд ба бахши саноат такони ҷиддӣ диҳанд. Аз натиҷаҳои тахлили дар моделсозии иқтисодӣ-риёзӣ истифодашуда бармеояд, ки дар раванди ташкили сиёсати саноатӣ ва равандҳои кластеркунонии саноат пеш аз ҳама ба таъмини кифояи сармоягузорӣ ва таҷдиди фондҳои асосӣ диққати махсус бояд дод. Дар баробари таъсири омилҳои зикргардида ва рушд ёфтани омили аслӣ дигар омилҳо, ба монанди содирот, даромади буҷети давлатӣ

мутаносибан афзун мешавнд, ки ба сатҳу сифати иқтисодиёти миллӣ таъсиргузор мегарданд”. (с. 25).

Новобаста ба дастовардҳои назарраси илмӣ, дар автореферати диссертатсия як қатор норасогиҳо ба назар мерасанд, ба монанди:

1. Хуб мешуд дар автореферати диссертатсия маънидодкунии моҳияти сиёсати саноатӣ аз тарафи худи муаллиф васеътар шарҳ дода шавад.

2. Дар афтореферати диссертатсия хуб мешуд, ки агар сатҳи рақобатпазирии соҳаҳои саноати Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз рӯи низоми баҳодиҳии Heritage Foundation дар байни кишварҳои дунё муайян карда, дар асоси он сатҳи рақобатпазирии соҳаҳои саноати кишвар баҳогузорӣ карда мешуд.

Эродҳои зикршуда ба мазмун ва паҳлӯи мусбии диссертатсия таъсир намерасонад. Ҳамаи эродҳо хислати тавсиявӣ доранд. Аз рӯи мутолиаи автореферати диссертатсияи тақризшаванда дар мавзӯи “Такмили сиёсати саноатӣ ва таъсири он ба рушди соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон”, қайд намудан мумкин аст, ки он ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050607 - Иқтисодиёти саноат ва энергетика) ҷавобгӯ буда, муаллифи он Аскарова Санавбархон Султонхоҷаевна сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050607 - Иқтисодиёти саноат ва энергетика мебошад.

**Мудири кафедраи иқтисодиёт ва ташкили соҳибкорӣ,**
**н.и.и., дотсент** **Алимов К.К.**
**Телефон: 918817559**
E-mail:alimov-30-86@mail.ru

**Суроға: 734061 Ҷумҳурии Тоҷикистон**
ш.Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ 1/2
Тел/факс +992 (372)348546
E-mail:tguk@mail.ru

Имзои н.и.и., дотсент Алимов К. К.–ро тасдиқ мекунам:

**Сардори шуъбаи кадрҳо ва**
**корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии**
**тиҷорати Тоҷикистон** Пирзода С.С.